**ХУЛОСАИ**
**Шурои диссертатсионии 6D.KOA-018-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм**

Парвандаи диссертатсионии №______
Қарори шурои диссертатсионӣ аз
29 апрели соли 2025, таҳти №82

Барои сазовор донистани Абудуллозода Ёқуб Маҳмадисуф, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.

Диссертатсияи Абудуллозода Ёқуб Маҳмадисуф дар мавзуи «Мақоми ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар таърихи 18 феврали соли 2025, суратмаҷлиси №75 аз ҷониби шурои диссертатсионии 6D.KOA-018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, маҳаллаи Буни Ҳисорак, толори шурои диссертатсионии факултети ҳуқуқшиносӣ, фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 январи соли 2022, № 16/шд) ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Абудуллозода Ёқуб Маҳмадисуф 14 декабри соли 1988 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Мавсуф соли 2009 ба шуъбаи рузонаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил шуда, муассисаи таълимии мазкурро соли 2014 аз рӯйи ихтисоси ҳуқуқшиносӣ бо дипломи аъло хатм намудааст.

Солҳои 2015-2019 аспиранти шуъбаи ғоибонаи кафедраи ҳуқуқи байналмилалии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро хатм кардааст.

Аз соли 2015 дар вазифаҳои гуногуни дастгоҳи марказии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон адои вазифа намуда, аз соли 2022 то инҷониб сармутахассис-масъули парвандаҳои махсусан муҳими Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон кору фаъолият дорад.

Мавзуи диссертатсия – «Мақоми ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар ҷаласаи Шурои олимони факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон 04 июни соли 2015, №11 (14-15) тасдиқ гардидааст. Диссертатсияи аспирант дар кафедраи ҳуқуқи байналмилалии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст. Диссертатсияи аспирант дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи байналмилалии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии

Тоҷикистон ба ҳимоя тавсия дода шудааст (аз 30 апрели соли 2024, суратмаҷлиси №09).

**Роҳбари илмӣ:**

**Раҷабзода Маҳмадиёр Носир** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, Ректори Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт.

**Муқарризони расмӣ:**

– **Раупова Манзура Турсуновна** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи маданӣ ва иқтисодии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

– **Аминова Фарида Маҳмадаминовна** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи (Славянии) Русияву Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар:** Муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии «Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкорӣ» (шаҳри Душанбе).

Дар хулосаи мусбати муассисаи пешбар, ки аз ҷониби ташхисгар Нодиров Фозилбек Мирзошарифович – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон (ихтисос: 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ) омода гардида, аз ҷониби раиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон Меликов У.А. ва котиби ҷаласа ассистенти кафедраи ҳуқуқи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон Сафаров И.Д. имзо ва аз ҷониби ректори Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Асрорзода Убайдулло Саттор санаи 27 марти соли 2025 тасдиқ шудааст, қайд гардидааст, ки диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат мекунад.

Диссертатсия мустақилона аз ҷониби муаллиф таҳия шуда, мазмуни ягонаи дохилӣ ва мантиқӣ дорад. Навгониҳои таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, таҳлили илмии қонунгузорӣ, пешниҳоди хулосаҳои илмӣ ва тавсияҳои амалӣ, пешниҳоди маърузаҳо дар семинарҳои назариявӣ ва конференсияҳои илмии байналмилалию ҷумҳуриявӣ аз саҳми шахсии муаллиф шаҳодат медиҳанд.

Довталаби дараҷаи илмӣ Абудуллозода Ёқуб Маҳмадисуф оид ба мавзуи диссертатсия 9 интишороти илмӣ, аз ҷумла 7 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии

аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонидааст. Интишороти довталаби дараҷаи илмӣ Абудуллозода Ёқуб Маҳмадисуф нуқтаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**Муҳимтарин интишороти аспирант аз рӯйи мавзуи диссертатсия:**

**I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

[1-М]. Абдуллозода, Ё.М. Ташаккули ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ё.М. Абдуллозода // Паёми Донишгоҳи

[2-М]. Абдуллозода, Ё.М. Мафҳум ва моҳияти ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ё.М. Абдуллозода // Паёми

[3-М]. Абдуллозода, Ё.М. Таносуб байни ҳуқуқи оммавӣ ва хусусӣ [Матн] / Ё.М. Абдуллозода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2018. –

[4-М]. Абдуллозода, Ё.М. Предмет ва усулҳои танзими ҳуқуқи байналилалии хусусӣ [Матн] / Ё.М. Абдуллозода // Паёми Донишгоҳи миллии

[5-М]. Раҷабзода, М.Н., Абдуллозода, Ё.М. Пайдоиш ва рушди ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / М.Н. Раҷабзода, Ё.М. Абдуллозода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2021. – №7. – С.

[6-М]. Абдуллозода, Ё.М. Ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ҳамчун соҳаи мустақили ҳуқуқ дар низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ё.М. Абдуллозода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2024. – №7. – С. 248-

[7-М]. Абдуллозода, Ё.М. Хусусиятҳои меъёрҳои моддӣ-ҳуқуқӣ дар танзими муносибатҳои байналмилалии хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ё.М. Абдуллозода // Қонунгузорӣ (маҷаллаи илмӣ). – 2024. – №4 (56). – С. 156-162; ISSN 2410-2903.

**II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмӯаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:**

[8-М]. Абдуллозода, Ё.М. Пайдоиши илми ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ё.М. Абдуллозода // Маводи III конференсияи илмӣ-амалии олимони ҷавони ДМТ, бахшида ба «рӯзи

ҷавонони Тоҷикистон» – 23 май ва «Бистсолаги омӯзиш ва рӯшди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» (солҳои 2020-2040) (ш. Душанбе, 18-19 майи соли 2023). – Душанбе, 2023. – С. 228-241.

[9-М]. Абдуллозода, Ё.М. Усулҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ё.М. Абдуллозода // Маводи конференсияи байналмилалии илмю амалии «Илм ва таҳсилот: тамоюлҳои рушд дар ҷомеаи иттилоотӣ» бахшида ба 75-солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (ш. Душанбе, ноябри соли 2023). – Душанбе, 2023. – С. 409-415.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

– **Абдухолиқзода Акмал Маҳмадӣ** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи байналмилалии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**– Сидиқов Дилшод Аҳророvич** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи (Славянии) Русияву Тоҷикистон;

**– Бобозода Умед –** номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, дар онҳо баъзе эроду тавсияҳои хусусияти мубоҳисавидошта пешниҳод шудаанд. Асосан, эродҳо масъалаҳои мубоҳисавии диссертатсия, аз ҷумла дар таҳқиқот ба масъалаи предмет ва усулҳо ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ таваҷҷуҳ гардидааст, аммо дарки масъала дар танзими ҳуқуқии соҳаи мазкур боз ҳам омузиши зиёдтаро талаб дорад. Зеро, ки предмет ва усулҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ барои соҳаи мазкур дар низоми ҳуқуқи миллӣ пайвастагии ногусастанӣ дорад, ки баъзе нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшударо дар бар мегиранд, ки мазмуни корро коста намегардонанд.

**Муқарризон ва муассисаи пешбар** бо дарназардошти муқаррароти бандҳои 61-70 ва 74 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд.

Ҳамчунин, интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар сатҳи дахлдор таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд ва корҳои илмӣ-таҳқиқотии онҳо ба масъалаҳои гуногуни кори илмии анҷомдодашуда, алоқамандии зич доранд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

– **коркард карда шуд:** масъалаи мақоми ҳуқуқи байналмилалии

хусусӣ дар низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нуқтаи назари илмӣ бори аввал ба шакли маҷмуӣ дар доираи диссертатсияи номзадӣ таҳлилу баррасӣ карда шудааст;

**пешниҳод шудааст:** пайдоиш ва ташаккули ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар сарзамини тоҷикон дар марҳилаҳои гуногуни таърих, коркарди мафҳум ва моҳияти ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, баррасии хусусиятҳои таносуби ҳуқуқ – «ҳуқуқи хусусӣ» ва «ҳуқуқи оммавӣ» ва нақши онҳо дар ташаккули соҳаҳои ҳуқуқ дар низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар мазмуни маҳдуд ва васеъ таҳлили гардидани предмети ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ва муайян кардани усулҳои он дар танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ бо унсури хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, омӯзиш ва таҳлили хусусиятҳои умумӣ ва фарқкунандаи муносибатҳои ҳуқуқи байналмилалии оммавӣ ва ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақсад ва таҳавулоти раванди рушди илми ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шудааст;

– **исбот шудааст:** дар таҳқиқоти илмӣ заминаҳои таърихии ташаккули ҳуқуқии ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, мафҳуми ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ва хусусиятҳои он, механизмҳои иловагии таъминкунандаи инкишофи муътадили муносибатҳои байнламилалии хусусӣ, реҷаи ҳуқуқии хориҷиён ва шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷи кишвар исбот шудааст.

– **ҷорӣ намудани:** меъёрҳои ҳуқуқии танзимкунандаи масъалаҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, бахуссус дар Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси мурофиавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёри ҳуқуқии байналмилалии танзимкунандаи самти мазкур, таъмини ҳуқуқии фаъолияти озоди иқтисодии хориҷӣ, муайян кардани вазъи ҳуқуқии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии хориҷӣ дар муносибатҳои байналмилалии хусусӣ.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқот бо он асоснок карда шудааст, ки:** натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ ҷиҳати дарку фаҳмиши ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, такмили заминаҳои меъёри ҳуқуқии соҳаи мазкур, такмили фаъолияти қонунгузорӣ дар сатҳи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, рушди илми ҳуқуқи мадаṅӣ, оилавӣ, меҳнатӣ, мурофиавиро фароҳам меорад. Инчунин, натиҷаҳои он метавонад дар ҳалли як қатор масъалаҳои назариявӣ ва амалии вобаста ба соҳаи мустақили ҳуқуқ дар низоми ҳуқуқи миллӣ дар раванди такмили қонунгузории соҳавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври васеъ ба кор бурда шаванд.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта** ҷанбаҳои консептуалии илмҳои фалсафӣ, назарияи фанҳои ҳуқуқӣ (назарияи давлат ва ҳуқуқ, ҳуқуқи маданӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи меҳнатӣ, ҳуқуқи мурофиавӣ), инчунин, дар таҳқиқот усулҳои илмии диалектикӣ, расмӣ-мантиқӣ, таҳлили низомнок, пешгӯии илмӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ ва муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, соҳавӣ бошад, коллизионӣ-ҳуқуқӣ, моддӣ-ҳуқуқӣ ва ягона-ҳуқуқӣ самаранок истифода шудаанд.

– **баён шудани** мафҳуми ҳуқуқи байнлмилалии хусусӣ ва реҷаи ҳуқуқии миллии он, хусусиятҳои реҷаи ҳуқуқии объекти танзими соҳаи мазкур, таҳлили ҳуқуқи мадании объектҳои алоҳидаи он, пешниҳоду таклифҳо ҷиҳати такмили қонунгузорӣ бо дарназардошти натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ ва таҷрибаи пешқадами давлатҳои хориҷӣ, инкишофи муътадили муносибатҳои байнлмилалии хусусӣ дар низоми ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– **ошкор гардидани** хусусиятҳои асосии ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, алоқаи ҳуқуқии объекти танзими ҳуқуқи муносибатҳои байнлмилалии хусусӣ, номукаммалии танзими ҳуқуқии реҷаи ҳуқуқи маданӣ, оилавӣ, меҳнатӣ ва мурофиавии мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, ихтилофот дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, хусусиятҳои танзими ҳуқуқии муносибатҳои байналмилалии хусусӣ дар низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– **омӯхта шуданд:** пайдоиш, шаклгирӣ ва ташаккули танзими ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар доираи муносибатҳои маданӣ-ҳуқуқӣ, оилавӣ-ҳуқуқӣ, меҳнатӣ-ҳуқуқӣ, мафҳуми ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, предмети танзими ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ва назарияҳо оид ба он, маҳакҳои мансубияти муносибатҳои мазкур, табиати ҳуқуқии муносибатҳои байнлмилалии хусусӣ ва ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои иштирокдорони муносибатҳои байналмилалии хусусӣ зикршуда;

– **аз нав такмил додани** Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси мурофиавии мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла таҳия ва қабули Кодекси байналмилалии хусусии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии соҳавӣ.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиққарда мешаванд, ки:** натиҷаҳои он метавонад дар раванди такмили қонунгузории маданӣ, оилавӣ, меҳнатӣ ва қонунгузорӣ дар самти муносибатҳои байналмилалии хусусӣ, пешбурди фаъолияти иқтисоди хориҷӣ ба таври васеъ корбурд шавад.

– **муайян карда шуданд**, ки ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ҳамчун соҳаи мустақили ҳуқуқи дар низоми ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, дар қонунгузории соҳаҳои дигар, бахусус соҳаҳои ҳуқуқи маданӣ, оилавӣ,

меҳнатӣ бояд муқаррароти қонунгузории байналмилалии хусусӣ ба роҳбарӣ гирифта шавад.

**– офарида шуд:** ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ба низоми ҳуқуқии мураккаб ишора мекунад, ки ҳуқуқи миллии маданӣ, оилавӣ, меҳнатӣ, мурофиавӣ ва ғ.. дар танҳои муносибатҳои байналмилалии хусусиро бо пурраги фаро гирифта наметавонад, зеро талаботи ҳуқуқии инсоният дар рӯйи замин тақозои онро дорад. Ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ аз нигоҳи моҳият бо вазъи сиёсию иқтисодӣ, иҷтимоию фарҳангии давлат вобаста аст ва аз нигоҳи навъ ё табиат ба ҳуқуқи хусусӣ шомил асту дорои сарчашмаҳои хос мебошад, ки онро набояд ба ҳуқуқи маданӣ ё ҳуқуқи оилавӣ ва ё ба ҳуқуқи меҳнатӣ ва на ба низоми ҳуқуқи байналмилалӣ шомил намудаанд ғайриимкон аст.

Зеро, ки ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ аз маҷмуи меъёрҳо ва принсипҳое иборат мебошад, ки онҳо шароитро баҳри танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ бо унсури хориҷӣ бо назардошти муқаррар кардани мазмуни меъёрҳои ҳуқуқи хориҷӣ дар асоси тафсири расмӣ, таҷрибаи татбиқ ва доктрина дар давлати хориҷӣ ва ғайра ба роҳ монда мешавад. Хусусияти хоси ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар он ифода мегардад, ки ҳамчун соҳаи ҳуқуқ предмет, усул (метод)-ҳо, принсипҳо, категорияҳои ҳуқуқӣ ва ҳолатҳоеро муқаррар менамояд, ки дигар навъҳои ҳуқуқ, чӣ ҳуқуқи хусусӣ ва чӣ ҳуқуқи оммавӣ доро нестаанд ва дар танзими ин муносибатҳои ҷамъиятӣ бо унсури хориҷӣ дар канор мемонанд.

**Муаррифӣ карда шуд:** дар таҳқиқоти диссертатсия пайдоиш ва ташаккули ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар ин ё он марҳилаи таърих ба давраҳои зерин тасниф карда шудааст: 1) пайдоиш ва ташаккули ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ аз замонҳои қадим то давраи шуравӣ; 2) инкишофи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар низоми ҳуқуқи миллӣ дар давраи шуравӣ; 3) рушди ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ баъди бадаст овардани истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон: ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар замони Истиқлоли давлатӣ ду марҳиларо дар бар мегирад: 1) баъди ба даст овардани Истиқлоли комили сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои 1991-2005 ва 2) аз соли 2005 баъди қабули қисми сеюми Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон то ин ҷонибро фаро гирифтааст.

**– баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки** натиҷаҳои илмӣ, пешниҳоду хулосаҳо, инчунин, тавсияҳои амалие, ки дар таҳқиқоти диссертатсионӣ баён шудаанд, ба сарчашмаҳои қонунгузорӣ ва байналмилалии хусусӣ, вобаста ба мақоми ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ тибқи қонунгузории миллӣ ва байналмилалӣ асос ёфта, онҳо дар заминаи маълумоти гуногуни илмӣ-назариявӣ ва таҳлили маводди амалӣ ба даст оварда шудаанд.

– **барои корҳои таҷрибавӣ:** Аз таҳлили моддаи 1306 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд, ки барои танзими вазъи ҳуқуқии интихоби ҳуқуқ пешбинӣ нагардидааст. Дар моддаи 1306 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон «Ҳуқуқи дар муносибатҳои ҳуқуқи мадании дорои унсури хориҷӣ татбиқшаванда» муқаррар карда шудааст, ки он дар мазмуну мафҳуми муносибатҳои байналмилалии хусусӣ аз ҷиҳати интихоби меъёри ҳуқуқ намебошад. Бинобар ин, номи моддаи мазкур ба номи «Муайян кардани ҳуқуқҳое, ки дар муносибатҳои маданӣ бо унсури хориҷӣ татбиқ мегарданд» иваз карда шавад, зеро дар танзими муносибатҳои байналмилалии хусусӣ судя ва дигар мақомотҳои ваколатдор меъёри ҳуқуқро муайян карда метавонад, ки таҷрибаи давлатҳои таҳқиқшаванда аз мақсад дур нест, муҳим дониста шудаст.

– **ғоя асоснок шудааст:** дар низоми қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мансубияти қонуни алоҳида дар танзими муносибатҳои байналмилалии хусусӣ қабул намудан амри саривақти дониста мешавад, ки раванди имрӯзаи ҳаёти ҷамъиятиро бе меъёрҳои муносибатҳои байналмилалии хусусӣ тасавур кардан ғайриимкон аст.

**Муайян шудаанд:** ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ҳамчун соҳаи мустақили ҳуқуқ, аз маҷмуи меъёрҳои мураккаби ҳуқуқи иборат аст, ки муносибатҳои молумулкӣ ва шахсии ғайри молумулкӣ, оилавӣ, меҳнатӣ, робиттаҳои иқтисоди ҳориҷӣ, илмӣ-техникӣ, фарҳангӣ, соҳибкорӣ, наклёт, сайёҳӣ, сармоягузори дар бахши хусусӣ, мурофиавии маданӣ ва иқтисодӣ, иҷрои супоришҳои судӣ, санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, созишномаи тарафҳо ва дигар масъалаҳое, ки қисми таркибии ҳуқуқи байналмилалии хусусиро бо унсури хориҷӣ ташкил мекунад, танзим менамояд. Аз муқаррароти меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ бар меояд, ки тавасути ин соҳаи ҳуқуқ, пеш аз ҳама меъёрҳои ҳуқуқи дохили давлатӣ ва давлатҳои гуногун, ки ҳуқуқу уҳдадориҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро муайян мекунад ва муносибатҳои муҳими ҷамъияти танзими худро мeёбад, предмет ва усулҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ бо табиати хоси ҳуқуқии худ батанзим медарорад. Аз ин рӯ, қайд кардан бамаврид аст, ки чунин муносибатҳо робитаи ҳуқуқии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии як давлатро дар давлати дигар ё ин ки шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии дигар давлатҳоро дар дохили давлат, ба танзим дароварда, предмети ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дониста мешавад.

– **истифода карда шуданд:** Дар таҳқиқот маводди илмӣ, меъёрӣ, амалӣ ва байналмилалӣ ба таври васеъ истифода карда шудааст. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муносибатҳои байналмилалии хусусӣ, хоссатан бо иштироки

шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии давлатҳои гуногун дар ҳолати ташаккулёбии босуръат қарор дорад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** ба сатҳи навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсия, нуқтаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ, маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ оид ба масъалаҳои мақоми ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок карда мешавад. Ҳамзамон, масъалагузорӣ ва услуби таҳияи матни диссертатсия саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳад.

Дар ҷаласаи шурои диссертатсионӣ аз 29 апрели соли 2025 қарор қабул карда шуд, ки ба Абдуллозода Ёқуб Маҳмадисуф дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 январи соли 2022, таҳти №16/шд тасдиқ гардидааст, 14 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо 5 нафарашон доктори илм ва 1 нафар номзади илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд. Аз 14 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта, 14 нафар овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ 14 нафар, муқобил - нест, бетараф – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест бюллетенҳои тақсимнашуда 2 адад.

**Раиси Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Азиззода У.А.**

**Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент** **Қодиров Н.А.**

29 апрели соли 2025